43010 - Танҳо дар моҳи Рамазон рӯза медорад ва рӯзаҳои нафлиро ба ҷо намеорад

савол

Ҳукми шахсе, ки танҳо дар моҳи Рамазон рӯза медорад ва дар дигар мавридҳои рӯзаҳои мустаҳаб рӯза намегирад, чист? Оё бароям ҷоиз аст, ки садақа бидиҳам?

Ҷавоби муфассал

Бар мусулмон воҷиб он аст, ки рӯзаи моҳи Рамазонро ба ҷо оварад. Аммо рӯзаи дигар рӯзҳои бофазилат, монанди рӯзи Арафа, Ошуро ва ғайра, воҷиб нест, магар он ки шахс рӯза гирифтани онҳоро бар худ назр карда бошад. Дар ғайри назр, рӯза гирифтани ин рӯзҳо воҷиб намебошад.

Аз Талҳа ибни Убайдуллоҳ ривоят шудааст, ки гуфт:
Марде аз аҳли Наҷд назди расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омад, ки мӯйҳояш парешон буданд. Танҳо ғулғулаи садояш шунида мешуд, вале суханаш фаҳмида намешуд, то он ки наздик шуд. Маълум гардид, ки ӯ дар бораи Ислом мепурсад.

Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд:
— Панҷ вақт намоз дар ҳар шабонарӯз.
Он мард пурсид:
— Оё ғайр аз ин бар ман намози дигаре воҷиб аст?
Фармуд:
— Не, магар он ки намози нафл бихонӣ.
Сипас расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд:
— Ва рӯзаи моҳи Рамазон.
Мард пурсид:
— Оё ғайр аз он бар ман рӯзаи дигаре воҷиб аст?
Фармуд:

— Не, магар он ки рӯзаи нафл бигирӣ.

Сипас расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) закотро низ ба ӯ ёдовар шуд.

Мард пурсид:

— Оё ғайр аз он бар ман чизи дигаре низ воҷиб аст?

Фармуд:

— Не, магар он ки садақа бидиҳӣ.

Сипас он мард баргашт ва гуфт:

— Савганд ба Аллоҳ, на бар ин чизе меафзоям ва на аз он чизе кам мекунам.

Он гоҳ расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд:

— Агар рост гуфта бошад, растагор шудааст.

Ин ҳадисро Бухорӣ (46) ва Муслим (11) ривоят кардаанд.

Ин ҳадис далолат мекунад, ки рӯзаи фариза танҳо рӯзаи моҳи Рамазон аст. Аммо рӯзаи дигар рӯзҳои бофазилат фарз намебошад ва инсон бо тарки онҳо гунаҳгор намегардад.

Нававӣ дар шарҳи "Саҳиҳи Муслим" гуфтааст:
"Ин ҳадис ба он далолат мекунад, ки рӯзаи Ошуро ва дигар рӯзҳо ғайр аз моҳи Рамазон воҷиб нест ва бар ин масъала иҷмоъ (иттифоқи уламои уммати Ислом) вуҷуд дорад". Поёни сухан.

Аммо барои ӯ шоиста нест, ки рӯзаи рӯзҳои бофазилатро тарк намояд, аз қабили рӯзаи рӯзи Ошуро, рӯзи Арафа, шаш рӯзи Шаввол ва монанди онҳо, ба хотири бузургии аҷру савоб ва фазилати онҳо. Зеро рӯзаҳои нафлӣ камбудиҳоеро, ки дар рӯзаи фарзӣ ба вуҷуд меоянд, ҷуброн намуда, онро такмил мебахшанд.
Аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки гуфт:
Ман аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шунидам, ки мефармуд:
«Аввалин амале, ки банда дар рӯзи қиёмат аз он ҳисобу китоб карда мешавад, намозаш аст. Агар намозаш дуруст бошад, ӯ растагор ва комёб мегардад. Аммо агар фосид бошад, ӯ ноком ва зиёнкор мешавад. Агар аз фарзҳои ӯ чизе камӣ дошта бошад, Парвардигори азза ва ҷалла мефармояд: “Бингаред, оё бандаи Ман амали нафлӣ дорад?” Пас ба воситаи он камии фарзаш пурра карда мешавад. Сипас дигар амалҳояш низ бар ҳамин асос баррасӣ мегарданд».

Ин ҳадисро Тирмизӣ (рақами ҳадис 413), Насоӣ (рақами ҳадис 465) ривоят кардаанд ва Албонӣ онро дар китоби "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" саҳеҳ донистааст.

Ин далолат мекунад, ки рӯзаҳои нафлӣ камбудиҳоеро, ки дар рӯзаи фарзӣ ба вуҷуд меоянд, ҷуброн ва такмил менамоянд.

Аммо дар мавриди саволи шумо оид ба садақа, он равшан нест. Бо вуҷуди ин, агар мақсад аз саволи шумо садақа додан ба чунин шахс бошад, посух чунин аст: бале, ба ӯ садақа додан ҷоиз аст, то вақте ки ӯ мусулмон ва намозгузор бошад. Тарки рӯзаҳои нафлӣ, чунон ки қаблан зикр гардид, гуноҳ ба ҳисоб намеравад. Ва Аллоҳ донотар аст.